***УДК 338***
***ББК 65.30***

# *ҶАНБАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ АРЗЁБИИ ФАЪОЛИЯТИ БИЗНЕС-СОХТОР ДАР РУШДИ СОҲАИ ИСТЕҲСОЛИИ МИНТАҚА*

***Зокиров Махкамҷон Аҳмадович**, мудири маркази бақайдгирӣ ва машварати ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ОЦЕНКИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ БИЗНЕС-СТРУКТУР В РАЗВИТИИ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО СЕКТОРА РЕГИОНА*

***Зокиров Махкамджон Ахмадович**, заведующий консультационно-регистрационным центром ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# *METHODOLOGICAL ASPECTS OF ASSESSMENT OF BUSINESS-STRUCTURES ACTIVITIES IN THE DEVELOPMENT OF THE MANUFACTURING SECTOR OF THE REGION*

***Zokirov Makhmadjon Ahmadovih**, chief of Consultative-Registering Centre under TSU LBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:** zma-1986@mail.ru*

***Калидвожаҳо:** бизнес-сохтор, бахши саноат, нишондиҳандаҳои самаранокӣ, ҳосилнокии максималӣ, нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявӣ, стратегияи рушд, самаранокии бизнес*

*Заминаҳои методологии баррасӣ ва арзёбии фаъолияти бизнес-сохторҳо дар бахши саноатӣ ба субут расидааст. Сабабҳои заъфпазирии он, ҳамчунин омилҳои сершумор барои арзёбии самаранокии фаъолияти бизнес-сохторҳо ва таъсири онҳо ба амалиёти оянда ошкор карда шудаанд. Равияҳои гуногуни методологӣ барои арзёбии самаранокии бизнес-сохторҳо дар низоми мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ таҳлил карда шудаанд. Муносибати гуногун нисбат ба муайян кардани самаранокии кори бизнес-сохторҳо чун шарти муҳимми стратегияи рушд, самтҳои баланд бардоштани сифати маҳсулот, коркарди тадбирҳои дахлдор оид ба ангезиши кормандон, афзоиши сандуқи супоришҳо пешниҳод шудааст. Исбот карда шудааст, ки истифодаи усулҳои индексӣ ва эконометрии арзёбӣ барои муайян кардани самаранокии фаъолияти бизнес-сохторҳо дар соҳаи саноат қобили қабул мебошад.*

***Ключевые слова:** бизнес-структуры, производственный сектор, показатели эффективности, максимальная производительность, показатели финансовой деятельности, стратегия развития, эффективность бизнеса*

*Рассматриваются методологические аспекты и даётся оценка деятельности бизнес-структур в промышленном секторе. Выявляются причины его уязвимости, а также раскрываются многие факторы для оценки эффективности деятельности бизнес-структур и их влияния на будущие операции. Рассмотрены различные методологические подходы к оценке эффективности работы бизнес-структур в конкретной социально-экономической системе. Предложен правильный подход к определению эффективной работы бизнес-структур как важного условия стратегии развития, направлений повышения качества продукции, разработке соответствующих мер по мотивации сотрудников, увеличению портфеля заказов. Обосновано, что использование индексного и эконометрического методов оценки является приемлемым для определения эффективной деятельности бизнес-структур в сфере промышленности.*

***Key-words:** business-structures, manufacturing sector of the branch, indices of effectiveness, maximal productivity, indices of financial activity, development strategy, effectiveness of business*

*The article dwells on methodological aspects of business-structures activity in industrial sector. There are elicited the reasons of its vulnerability and revealed many factors for assessment of an effectiveness of business-structures activities and their sway over future operations. Different methodological approaches towards the effectiveness in question are considered in the concrete social-economic system. The author proposes a right approach to a definition of effective work of business-structures as an important provision for development strategy aimed at produce quality elevation, elaboration of respective measures on staff motivation, increase of portfolio orders. It is well-grounded that utilization of index and econometric methods of assessment is acceptable by a determination of effective activity of business-structures in the sphere of industry.*

Арзёбии фаъолияти бизнес-сохтор дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла дар бахши саноат ҷузъи таркибии хеле муҳим ба шумор меравад. Масалан, муайян кардани натиҷаҳои ба дастомада, муқоисаи хароҷот дар низоми муайяни ичтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла дар иқтисодиёти минтақа ба қатори ҳамин ҷузъҳо дохил мешаванд. Дар ин мақола тадқиқот дар заминаи муайян намудани тахайюлии бизнес-сохтор бо мақсади дуруст қабул кардан ва татбиқ намудани қарорҳои идоракунӣ дар шароити минтақа гузаронида мешавад.

Ошкор сохтани ҷанбаҳои осебпазир, инчунин як қатор омилҳо дар арзёбии самаранокии бизнес-сохторҳо, дар ниҳояти кор ба фаъолияти ояндаи онҳо таъсир мерасонад.

Дар илми иқтисод муносибатҳои гуногуни методӣ барои арзёбии фаъолияти бизнес-сохтор дар низоми муайяни иҷтимоию иқтисодӣ вуҷуд доранд.

Пеш аз он ки дар бораи муносибатҳои методӣ сухан ронем, қайд намудан зарур аст, ки ҳангоми арзёбии фаъолияти бизнес-сохтор маъмулан се принсипро ба роҳбарӣ мегиранд:

1. Муқоисаи нишондиҳандаи самаранок бо мақсади гузоштаи сохтори соҳибкорӣ;

2. Оптимизатсияи натиҷаҳои фаъолият, ба ибораи дигар, ноил шудан ба қиматҳои ҳадди ақал аз рӯи параметрҳои алоҳидаи мушаххас ва ҳамзамон ба даст овардани нишондиҳандаҳои ҳадди аксар дар индикаторҳои натиҷабахшии молиявӣ;

3. Ба ҳам созгор сохтани баланд бардоштани сифати маҳсулот мувофиқи талаботи бозор бо нишондиҳандаҳои фаъолияти хоҷагӣ.

Муносибати дуруст дар муайян кардани фаъолияти самарабахши бизнес-сохтор заминаи муҳимми ташаккули стратегияи рушд, муайян намудани самтҳои баланд бардоштани сифати маҳсулот, таҳияи чораҳои мувофиқи ангезишдиҳандаи кормандон, зиёд кардани портфели фармоишҳо ва ғайра мегардад.

Ҳангоми арзёбии фаъолияти бизнес-сохтор дар илми иқтисод ва амалияи он гурӯҳҳои гуногуни нишондиҳандаҳоро истифода мебаранд. Масалан, олиме таъкид мекунад, ки барои арзёбии фаъолияти бизнес-сохтор гурӯҳҳои зерини нишондиҳандаҳоро мавриди истифода қарор додан лозим аст [2].

Нишондиҳандаҳое, ки нишондиҳандаҳои молиявӣ (тиҷоратӣ)-ро тавсиф мекунанд:

1. индикаторҳои самаранокии буҷет;

2. низоми мутавозини индикаторҳо;

3. нишондиҳандаҳое, ки самаранокии иқтисодии хоҷагии халқро тавсиф мекунанд.

Дар бораи мазмуни ин индикаторҳо мухтасар таваққуф мекунем. Ҳангоми омӯзиши самаранокии тиҷоратӣ (молиявӣ) ба ҳайси объекти тадқиқот асосан нишондиҳандаҳои молиявие баромад мекунанд, ки ҳолат ва самти истифодаи оптималии иқтидори захиравӣ-иқтисодӣ ва молиявии бизнес-сохторҳоро тавсиф менамоянд [5,с.78]. Ба ин гурӯҳ

нишондиҳандаҳое аз қабили арзиши иловашуда, самараи умумии иқтисодӣ, арзиши умумии сармоя, нишондиҳандаҳои идоракунии дороиҳо, нархгузорӣ, арзиши равандҳо ва маҳсулоти истеҳсолшуда ва ғайра мансубанд. Барои арзёбии нишондиҳандаҳои мазкур усулҳои дахлдори таҳлили оморӣ ва математикӣ истифода мешаванд [6].

Муносибати дигари арзёбии фаъолияти бизнес-сохтор самаранокии буҷет ба шумор меравад. Дар ин ҷо сухан дар бораи муайян кардани таъсири натиҷаҳои фаъолияти бизнес-сохтор ба даромад ва хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ меравад [8, с.125]. Ин муносибат барои асоснок кардани аҳамияти иҷтимоию иқтисодии бизнес-сохтор дар иқтисоди минтақа истифода мешавад. Дар ин ҷо асосан таҳлили муқоисавии суръати афзоиши даромад ё хароҷот дар натиҷаи зиёд шудани ҳиссаи бизнес-сохтор дар низоми иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ татбиқ мегардад. Ғайр аз ин, бояд қайд кард, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳангоми омӯзиши самаранокии буҷет чунин индикаторҳо аз қабили гардиши пули нақд (кэш-флоу) ва арзиши холиси ба як асоси ҳисобӣ оварда дар асоси муқоисаи даромад ва хароҷоти буҷет аз вазъи бизнес-сохтор истифода мешаванд.

Нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодии бизнес-сохтор ҳам дар иқтисодиёти миллӣ ва ҳам дар иқтисодиёти минтақаҳо тавассути таҳлили муқоисавию қиёсии фаъолияти бизнес-сохтор тавсиф карда мешаванд [3]. Ин нишондиҳандаҳо аҳамияти бизнес-сохторро аз нуқтаи назари манфиатҳои ҳам рушди иқтисодии минтақа ва ҳам кишвар тавсиф мекунанд. Аммо гуфтан лозим аст, ки самаранокии иқтисоди миллӣ индикатори таркибии интегралӣ мебошад, ки ба сохтори он ҷузъҳои таркибии минтақавӣ низ дохил мешаванд, ки дар онҳо шумораи муайяни бизнес-сохторҳо амал мекунанд. Индикаторҳое, ки ҳалли масоили иҷтимоию иқтисодиро ҳам дар минтака ва ҳам умуман дар ҷумҳурӣ тавсиф мекунанд, низ дар ҳамин қарина мавриди таҳлил қарор мегиранд. Аз ҷумла, саҳми бизнес-сохтор дар ҳалли мушкилоти бекорӣ, беҳтар намудани сармоягузорӣ, зиёд намудани музди кор, баланд бардоштани некӯаҳволии моддии аҳолӣ, амалӣ гардидани корҳои хайриявию созандагӣ дар ҷомеа ба ҳайси чунин индикаторҳо хизмат карда метавонанд.

Саҳми дар боло зикршудаи бизнес-сохтор дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дар рушди иқтисоди миллии кишвар хеле муҳим маҳсуб мегардад. Дар ин самт ҳамчунин маҷмӯи хароҷоти тамоми бизнес-сохторҳо дар иҷрои ҳам мақсадҳои ҷорӣ ва ҳам мақсадҳои стратегии рушди минтақа ва кишвар ба инобат гирифта мешавад. Умуман, чунин муносибати методӣ дар омӯзиши натиҷабахшии бизнес-сохтор дар ҷомеа муҳим аст. Вақте ки сухан дар бораи мувозинаи низоми нишондиҳандаҳо меравад, маҷмӯи индикаторҳое дар назар гирифта мешаванд, ки фаъолияти бизнес-сохторро дар самтҳои гуногун тавсиф мекунанд. Аз ҷумла, натиҷаҳои молиявии фаъолияти иқтисодии корхона; нишондиҳандаҳое, ки нақш ва мавқеи бизнес-сохторро дар бозорҳои дахлдор тавсиф мекунанд, инчунин нишондиҳандаҳои истифодаи фонди меҳнат, муносибат бо таҳвилгарон ва баъзе дигар бизнес-равандҳои дохилӣ мавриди тавсиф қарор мегиранд [9]. Номгӯи ин нишондиҳандаҳоро баъзе олимони иқтисоддон пешниҳод кардаанд, ки мундариҷаи онҳо дар расми 1.1 оварда шудааст.




***Расми 1.1.*** *Нишондиҳандаҳои асосии арзёбии фаъолияти соҳибкорӣ*

Яке аз хусусиятҳои ин муносибат дар он аст, ки сохторбандии нишондиҳандаҳои фаъолияти самараноки бизнес-сохтор аёнан тасвир шудааст, ба ибораи дигар, робитаҳои сабабию оқибатии байни онҳо нишон дода шудаанд. Бояд қайд кард, ки низоми нишондиҳандаҳои мутавозин бояд идорашавандаю андозашаванда бошад ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххас равона карда шавад. Айни замон мақсад метавонад мураккаб, вале воқеан иҷрошаванда бошад. Иқтидори дохилии бизнес-сохторро танҳо дар ин самт амалӣ кардан мумкин аст.

Сохторҳои муосири тиҷоратро ҳамчун низоми кушодаи динамики инкишофёбандаи истеҳсолотию фурӯшӣ, иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ кардан мумкин аст, бинобар ин комилан возеҳ аст, ки натиҷаҳои бизнес-сохторро бо як нишондиҳанда тавсиф кардан имконнопазир аст. Дар ин маврид низоми томи маҷмӯи индикаторҳоро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст. Зеро бо як нишондиҳанда самтҳои гуногуни ҷанбаҳои молиявӣ, иқтисодӣ ё иҷтимоии фаъолияти иқтисодии бизнес-сохторро инъикос кардан номумкин мебошад. Дар ҳоле ки муносибати маҷмӯӣ пайдарпайии амалҳоро дар қаринаи фарогирии ҳамаҷонибаи ҳамаи нишондиҳандаҳои ба ҳам алоқаманд ва вобаста пешбинӣ мекунад. Тавассути ин муносибат мумкин аст, ки дар шароити пешгӯинашавандаи иқтисодиёти бозорӣ рақобатпазир будан, қобили ҳаёт будан ва устувории бизнес-сохтор муайян карда шавад.

Маъмулан дар амалияи иқтисодӣ олимони иқтисоддон ҳангоми таҳлили фаъолияти истеҳсолию иқтисодии корхонаҳо се гурӯҳи нишондиҳандаҳоро ҷудо мекунанд, ки дар ҷадвали 1.2 нишон дода шудаанд.

***Ҷадвали 1.2.*** *- Нишондиҳандаҳое, ки ҳангоми арзёбии фаъолияти бизнес-сохторҳои дорои шаклҳои гуногуни моликият истифода мешаванд:*

| | |
|---|---|
| **Нишондиҳандаҳое, ки самаранокии ташаккули бизнес-сохторро тавсиф мекунанд** | ✓ Меъёри фоида ҳамчун таносуби фоидаи соф ба пули фурӯш<br>✓ Даромаднокии фурӯш, таносуби фоида аз фурӯш ба пули фурӯш<br>✓ Даромаднокии маҳсулоти фурӯхташуда, муносибати фоида аз фурӯш ба арзиши умумӣ<br>✓ ва ғайра. |
| **Нишондиҳандаҳое, ки самаранокии захираҳои истифодашударо тавсиф мекунанд** | ✓ Даромаднокии дороиҳои гардон (фоидаи соф ба маблағи миёнаи дороиҳои гардон).<br>✓ Даромаднокии сармояи худӣ (фоидаи соф ба маблағи миёнаи сармояи худӣ).<br>✓ Даромаднокии дороиҳо (фоидаи соф ба маблағи миёнаи дороиҳо)<br>✓ Даромаднокии сармояи қарзӣ (фоидаи соф ба маблағи сармояи қарзӣ)<br>✓ ва ғайра. |
| **Нишондиҳандаҳое, ки устувории молиявиро тавсиф мекунанд** | ✓ Зариби мустақилият<br>✓ Зариби вобастагии молиявӣ<br>✓ Зариби таносуби воситаҳои қарзӣ ва худӣ<br>✓ Зариби мутаҳаррикии воситаҳои гардони худӣ<br>✓ Зариби пардохтпазирӣ<br>✓ Зариби таъминнокии сармояи гардон бо манбаъҳои маблағгузории худӣ |

Қайд кардан лозим аст, ки нишондиҳандаҳои мазкур асосан дар муқоиса бо дигар воҳидҳои ҳаммонанди бизнес-сохтор, инчунин дар динамика ё дар муқоиса бо бузургиҳои меъёрӣ баррасӣ мешаванд.

Маъмулан ҳангоми арзёбии фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидории бизнес-сохтор натиҷаҳои ба даст овардашуда бо хароҷоти сарфшуда муқоиса карда мешаванд. Аммо ин муносибат ҳарчанд индикатори муҳим ҳам бошад яктарафа шуда метавонад. Яктарафӣ бо он вобаста аст, ки дар асоси ин муносибат хусусиятҳои сифатии захираҳои истифодашавандаро арзёбӣ кардан номумкин аст. Дараҷаи устувории молиявӣ, аҳамияти иҷтимоӣ, самаранокии идоракунӣ ва дигар ҷихатҳои фаъолияти иқтисодиро муайян кардан имконнопазир аст. Дар шароити иқтисоди бозорӣ истеъмолкунандагони берунаи иттилоот, яъне сармоягузорони хориҷӣ, қарздиҳандагон, қарзгирандагон ва дигарон ба чунин ҷанбаҳои фаъолияти иқтисодӣ, аз қабили устувории молиявӣ, пардохтпазирӣ, рақобатпазирӣ, фаъолнокии кории бизнес-сохторҳо, ки аз самаранокии идора вобастаанд, мароқ зоҳир мекунанд. Дар баробари ин, ҳангоми таҳлили фаъолияти истеҳсолию иқтисодии бизнес-сохтор олимон 5 гурӯҳи нишондиҳандаҳоро истифода мебаранд: «нисбӣ, мутлақ, миқёсӣ, сохторӣ, афзоянда» [4, с.103]. Ҳар кадоми ин гурӯҳи нишондиҳандаҳо ҳам ҷиҳатҳои мусбат ва ҳам манфӣ доранд. Масалан: ҳангоми таҳлили нишондиҳандаҳои нисбӣ муқоисаи бизнес-сохторҳо бо ҳаҷмҳои гуногуни нишондиҳандаҳо бештар мувофиқи мақсад аст, вале нишондиҳандаҳои ин гурӯҳ имкон намедиҳанд, ки таъсири равандҳои таваррумӣ муайян карда шавад, ин бошад камбудӣ

ба ҳисоб меравад. Айни замон, нишондиҳандаҳои мутлақ баръакс ба муқоиса имкон намедиҳанд, ки ин таҳлили объектҳои идоракуниро душвор мегардонад. Аз ин рӯ, ҳангоми арзёбии фаъолияти бизнес-сохтор истифодаи таҳлили маҷмӯӣ роҳи беҳтарин мебошад, ки дар асоси он оид ба беҳтар намудани фаъолияти истеҳсолӣ ва иқтисодии бизнес-сохторҳо як қатор тавсияҳо додан мумкин аст. Дар ин бобат «қайд кардан зарур аст, ки дар рафти кори таҳлилӣ аксаран дар самтҳои гуногуни таҳлил натиҷаҳои ихтилофнок ба даст меоянд. Масалан,беҳтар кардани нишондиҳандаҳои фоидаоварӣ мумкин аст ҳини коҳиши сатҳи бозоргирӣ ва устувории молиявии корхона мушоҳида шавад. Бинобар ин дар шароити муносибатҳои бозорӣ истифодаи арзёбии маҷмӯии рейтингии самаранокии фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ дар асоси назария ва методикаи таҳлили иқтисодии корхонаҳо ба мақсад мувофиқ аст. Ҳангоми таҳияи он маълумотро дар бораи иқтидори рақобатпазирии корхона, самаранокии истифодаи захираҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ, ҳолат ва ҷойгиронии маблағ, манбаъҳои он, арзёбии хавф ва дигар нишондиҳандаҳо истифода бурдан лозим аст» [7, с.137]. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон тахмин кард, ки арзёбии фаъолияти иқтисодии бизнес-сохторҳоро танҳо дар асоси як ё дастаи ихтиёран интихобкардаи нишондиҳандаҳо амалӣ гардонидан номумкин аст. Он бояд маҷмӯӣ бошад ва тамоми арзёбиҳои том ва муҳиммияти иҷтимоию иқтисодиро дар ҷомеаи мушаххас дар бар гирад.

Мақсади таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ асосан муайян кардани дараҷаи истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолии бизнес-сохторҳо ба ҳисоб меравад. Муайян кардани иқтидори эҳтимолӣ аз ҷиҳати микдорӣ, ошкор сохтани дараҷаи самаранокии раванди идоракунии бизнес-сохторҳо мебошад. Ҳамаи он чи ки кайд карда шуд, дар мазмуни зарурати арзёбии самарабахши фаъолияти сохторҳои тиҷоратӣ мебошад. Таҳлили боло нишон медиҳад, ки дар арзёбии фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидории бизнес-сохторҳо муносибатҳои гуногун мавҷуданд, ки ба маҷмӯи нишондиҳандаҳои мухталиф асос меёбанд. Бо ёрии онҳо дараҷаи рушд, рақобатпазирӣ ва дигар нишондиҳандаҳои молиявӣ тавсиф карда мешаванд. Ба андешаи мо, ба ҳамаи усулҳои қайдшуда як норасоӣ хос мебошад: талабот ба ҳаҷми назарраси иттилоот, ки он дар иқтисоди бозор тақрибан дастрас нест. Ба ибораи дигар, бо истинод ба сатҳи баланди рақобат, қисми зиёди иттилоот, махусусан иттилоот дар бораи хароҷоти даромади пулӣ ва ғайра сирри тиҷоратӣ маҳсуб мешавад. Камбудии дигари усулҳои мазкур дар он аст, ки қисми зиёди бизнес-сохторҳо кӯшиш мекунанд, ки аҳамияти тамоюлҳои мусбатро ҳарчи бештар кам карда нишон диҳанд, то масъулияти камтар барои пардохтҳои андоз дошта бошанд. Камбудии дигар он аст, ки аксарияти субъектҳои бизнес-сохторҳо чунин нишондиҳандаҳои муҳимми фаъолияти хоҷагидориро, ки ба масъалаҳои истифодаи иқтидорҳо, ҳосилнокии меҳнат, дараҷаи механикунонӣ, таъминнокӣ бо қувваи барқ ва ғайра мансубанд, аниқу дақиқ нишон намедиҳанд ва ё қариб пешниҳод намекунанд. Камбудии дигар дар он аст, ки тавассути истифодаи аксари усулҳои мазкур арзёбӣ танҳо барои санаи муайян сурат мегирад, ки вазъи ҷории бизнес-сохторҳоро тавсиф мекунад. Яъне аз рӯи ин нишондиҳандаҳо вазъи бизнес-воҳидҳоро дар динамика арзёбӣ кардан ғайриимкон аст. Ба ғайр аз камбудиҳои номбаршуда, боз як камбудии дигар он аст, ки дар байни бисёр нишондиҳандаҳои ҳисобӣ алоқаи мутақобилаи муайянро муқаррар кардан номумкин аст, ки аз набудани таъсири мутақобила байни онҳо шаҳодат медиҳад. Дар умум, ҳангоми тафтиши натиҷабахшии фаъолияти бизнес-сохторҳо хусусияти рушди иқтисодӣ муайян карда мешавад, ки он мумкин аст ба тарви интенсивӣ ё экстенсивӣ ба даст оварда шавад.

Дар шароити муосир афзалият ба усули интенсивии ноил шудан ба рушди иқтисодӣ, яъне истифодаи захираҳои бизнес-сохторҳо дар асоси технологияҳои нав ё усулҳои инноватсионии истифода ва ғайра дода мешавад. Бинобар ин, ҳангоми ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои фаъолияти бизнес-сохторҳо дар оянда бояд ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар фаъолияти истеҳсолию хоҷагидории бизнес-сохторҳо диққати махсус дода шавад.

Мақсади асосии сиёсати иқтисодии минтақавӣ беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо аз ҳисоби афзоиши иқтидори истеҳсолӣ, паст кардани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ, баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ мебошад. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки сиёсати минтақавӣ ба оптимизатсияи ислоҳоти сохторӣ дар самти татбиқи иқтидори иқтисодии минтақа нигаронида шудааст. Дар шароити муосир, ки навъи хоҷагидории инноватсионӣ-индустриалӣ ба мадди аввал мебарояд, ҳалли бисёр масъалаҳо бо рушди соҳаи саноат алоқаманд аст, зеро дар ин бахш истеҳсоли ояндадори молҳои истеъмоли халқро мутамаркиз кардан, ҷойҳои нави кориро ташкил намудан, иқтидори содиротро баланд бардоштан ва истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунандаро амалӣ гардонидан мумкин аст. Аз ин нуқтаи назар, аҳамияти арзёбии имкониятҳои мавҷудаи саноат ва дараҷаи истифодаи он меафзояд. Дар ин ҷо ба дастгоҳи мафҳумҳои тадқиқ диққати махсус додан лозим аст. Аз ин рӯ, муносибати дар илм аз ҳама маъмулро пешниҳод менамоем, ки тибқи он зери мафҳуми иқтидори саноатии минтақа дараҷаи фаъолнокӣ дар бахши саноат фаҳмида мешавад, ки ба шарти истифодаи пурраи самараноки омили истеҳсолӣ дар минтақа таъмин мешавад.

Дар омори минтақавӣ бар хилофи омори соҳавӣ дараҷаи баланди муқоисапазирии объектҳои тадқиқотиро таъмин кардан мумкин аст. Дар ин ҷо доираи васеи индикаторҳо истифода мешавад, ки ҳам нишондиҳандаҳои ҳаҷмӣ ва ҳам сифатии иқтидори саноатии минтақаро тавсиф мекунанд. Ҳамчунин дар ин ҷо аксаран усулҳои иқтисодиеро, ки ба муайян кардани самаранокии истифодаи захираҳои гуногун нигаронида шудаанд, ба кор мебаранд. Дар илми иқтисод ҳамчунин муносибате истифода мешавад, ки ба ҳам пайвастани индикаторҳои индексӣ ва эконометриро пешбинӣ мекунад. Дар ин самт аксаран нуқтаи зерин ба назар гирифта мешавад: «Ҳисобу китоби инҳирофи арзёбии самаранокӣ оид ба ҳар як минтақа аз ҳадди аксари (ё миёнаи) маҷмӯи тамоми минтақаҳо:

$$\Delta Ef_k^n = Ef_{max}^n - E_k^n \; k = 1, n$$

Дар ин ҷо: $\Delta Ef_k^n$- самаранокии истифодаи захираи намуди n аз ҷониби минтақаи k (масалан, $\mathrm{Ef}_k^I = \mathrm{Ind}_k/\mathrm{Inv}_k$- самаранокии истифодаи захираҳои сармоягузорӣ);

Асосноккунии саҳми ҳар захираи n ба афзоиши истеҳсолоти саноатӣ бо истифодаи модели эконометрии таҳлили додаҳои панелӣ:

Ind = f (Inv, Agr,…) ва ҳисобкунии саҳми омили n $e_n$ ба тағйирёбии барориши маҳсулоти саноатӣ дар давраи пойгоҳӣ (масалан, соли ҷорӣ нисбат ба соли гузашта). Барои ин усулҳои таҳлили эконометрии додаҳои панелӣ ва низоми STATA истифода мешаванд;

Ҳисобҳои арзёбии иқтидори саноатии истифоданашуда барои ҳар як минтақаи k ҳамчун маблағи мувозинати ҳосили зарби инҳирофҳои $\Delta Ef_k^I$ ба қимати пойгоҳии омил:

$\Delta Res_k = \sum_n e_n * \Delta Ef_k^n * F_k^n$, где $F_n^k$, ки дар он $F_n^k$ қимати пойгоҳии омил (масалан, сармоягузорӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар соли ҷорӣ);)

Арзёбии иқтидори саноатии минтақа:

$Inp_k = Ind_k + \Delta Res_k$ ҳамчун суммаи дараҷаи ба дастомадаи рушди саноат $Ind_k$ ва

захираҳои мавҷуда $Res_k$» [1, с.913].

Бояд гуфт, ки ин усулро барои ҳар як соҳаи саноат ба таври алоҳида истифода бурдан мумкин аст, зеро дараҷаи тараққиёти ҳар як соҳаи саноат дар минтақаи алоҳида метавонад мухталиф бошад.

Умуман, усулҳои дар боло тавсифшуда, ки ба арзёбии фаъолияти бизнес-сохторҳо нигаронида шудаанд, зарурат ва аҳамияти рушди онҳоро дар тамоми воҳидҳои ҳудудии фазоӣ, ки чун қисми маҷмӯи ягонаи хоҷагии халқи мамлакат дар амалигардонии мақсадҳои стратегӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии халқу давлат муҳиманд, равшантар инъикос мекунанд. Ҳамаи усулҳои зикргардидаи таҳлили фаъолияти бизнес-сохторҳо муҳимманд ва дар ин замина дар бораи зарурати татбиқи ин ё он стратегия дар рушди бизнес – сохторҳо хулосаи маҷмӯӣ дода метавонанд.

**_Пайнавишт:_**


1. *Алиев А.Ш. Методические подходы к оценке резервов роста обрабатывающей промышленности и промышленного потенциала региона // Россия: тенденции и перспективы развития. – 2017. –993с.*
2. *Анализ и оценка эффективности проектов: методы и система показателей [Электронный ресурс]. URL: http://studme.org/12800528/investirovanie/analiz_otsenka_effektivnosti_ proektov_metody sistema_pokazateley (дата обращения: 20.02.2020).*
3. *Большая энциклопедия нефти и газа [Электронный ресурс]. URL:http://www.ngpedia.ru/id624961p1.html (дата обращения: 22.02.2015).*
4. *Босчаева З.Н., Коган М.В. Оценка эффективности деятельности малых предпринимательских структур // Вестник АГТУ. Сер.: Экономика. 2011. №2. – С.101-104.*
5. *Голикова Ю.А. Динамика процессов корпоративной интеграции в России: система координат XX–XXI вв. // Проблемы современной экономики. - 2011. №3.- С. 76–80.*
6. *Директор информационной службы. 2002. № 09 [Электронный ресурс]. URL: http://www.osp.ru/cio/2002/09/172287/ (дата обращения: 21.02.2015).*
7. *Карлина Е.П., Потапова И.И. Управление рисками предпринимательской деятельности // Вестн. Астрахан. гос. техн. ун-та. – 2006. - №4 (33). – С. 135-140.*
8. *Климова О.С., Гусев В.В., Кротова М.А. Теоретические аспекты исследования точек роста региональной экономики // Теория и практика общественного развития . - 2013.- № 12. - С.125.*
9. *Мескон М. Основы менеджмента: пер. с англ. / М. Мескон, М. Альберт, Ф. Хедоури. М.: Дело, 1992. Большая энциклопедия нефти и газа [Электронный ресурс]. URL: http://www.ngpedia.ru/id624961p1.html (дата обращения: 22.02.2015).*


**_Reference Literature:_**


1. *Aliev A.Sh. Methodical Approaches to the Assessment of the Reserves Pertaining to the Growth of Processing Industry and Industrial Potential of the Region // Russia: Tendencies and Prospects of Development. – 2017. – 993 pp.*
2. *Analysis and Assessment of Effectiveness in Regard to Projects: Methods and System of Indices [Electronic resource] URL: http://studme.org/12800528/investirovanie/analiz_otsenka_effektivnosti_ proektov_metody sistema_pokazateley (Date of appeal: 20.02.2020).*

3. *Big Encyclopedia of Petrolium and Gas [Electronic resource] URL: http://www.ngpedia.ru/id624961p1.html (Date of appeal: 20.02.2015).*
4. *Boschayeva Z.N., Kogan M.V. The Assessment of Effectiveness of Activities of Minor Entrepreneurial Frameworks // Bulletin of AGTU. Series: Economics. 2011, №2. – pp. 101 – 104.*
5. *Golikova Yu.A. Dynamics of the Processes of Corporative Integration in Russia: System of Coordinates of the XX-th – the XXI-st Centuries // The Problem of Modern Economics. 2011, №3. – pp. 76 – 80.*
6. *Director of Information Service. 2002, №9. [Electronic resource] URL: http://www.osp.ru/cio/2002/09/172287/ (Date of appeal: 21.02.2015).*
7. *Karlina Ye.P., Potapova I.I. Management with the Risks of Entrepreneurial Activity // Bulletin of Astrakhan State University of Technologies. 2006, №4 (33). – pp. 135 – 140.*
8. *Klimova O.S., Gusev V.V., Krotova M.A. Theoretical Aspects of Research Concerning Growth Points of Regional Economy // Theory and Practice of Social Development. 2013, №12. – p. 125.*
9. *Mescon M. The Grounds of Management: translation from English // M.Mescon, M.Albert, F.Hedouri. – M.: Business, 1992. Big Encyclopedia of Petrolium and Gas [Electronic resource] URL: http://www.ngpedia.ru/id624961p1.html (Date of appeal: 22.02.2015).*